ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи «Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.5.4. Назария ва методикаи таълими адабиёти тоҷик

Мубрамияти мавзуъ. Дар шароити муосир баланд бардоштани сифати таълим, такмили низоми назорату арзёбии дониш ва муайян намудани сатҳи воқеии дастовардҳои таълимии хонандагону довталабон аҳаммияти муҳим дошта, таҳияи усулҳои илмии арзёбӣ мутобиқ ба меъёрҳои муосири педагогӣ ва талаботи низоми миллии таҳсилот зарур мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода оид ба таҳияи методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ мубрам буда, ба такмили низоми арзёбии сифати таҳсилот, таъмини воқеънигории натиҷаҳои имтиҳонҳо ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии сифати таълим равона шудааст.

Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ. Ҷорӣ гардидани низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ зарурати таҳияи воситаҳои стандартишудаи арзёбӣ, тестҳои илман асоснок ва таҳлили хусусиятҳои психометрии онҳоро ба миён овардааст. Аз ин рӯ, омузиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии тестгузаронӣ дар асоси натиҷаҳои воқеии имтиҳонҳо аҳаммияти муҳимми педагогӣ дорад.

Омӯзиши автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии тестологияи педагогӣ, принсипҳои таҳия ва истифодаи тестҳо, инчунин нишондиҳандаҳои сифати онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Таваҷҷуҳи махсус ба таҳияи матритсаи тестӣ дар асоси стандарти давлатӣ, барномаҳои таълимӣ ва таксономияи Блум зоҳир гардидааст.

Инчунин, бо истифода аз усулҳои оморӣ ва психометрӣ боэътимодӣ, боэътиборӣ, дараҷаи душворӣ ва қудрати фарқгузории тестҳо таҳлил шуда, заминаи васеи маълумоти таҷрибавӣ барои асоснокии хулосаҳои илмӣ ва муайян намудани мушкилоти азхудкунии маводди таълимӣ истифода гардидааст.

Муаллиф натиҷаҳои имтиҳонҳоро аз рӯйи бахшҳои забон ва адабиёти тоҷик ва минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил намуда, сатҳи дониш ва мушкилоти мавҷудаи довталабонро муайян кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ошкор намудани камбудиҳои таълим, такмили усулҳои омӯзиш ва таҳияи маводди таълимию методӣ заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок намудани методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон дар заминаи матритсаи тестӣ ва истифодаи нишондиҳандаҳои оморию психометрӣ зоҳир мегардад.

Аҳаммияти назариявии он дар такмили асосҳои илмии арзёбии дониш ва муайян намудани меъёрҳои сифати тестҳои педагогӣ ифода меёбад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳо ва тавсияҳои методӣ барои такмили фаъолияти омӯзгорон, баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо ва беҳтар намудани низоми арзёбии сифати таҳсилот мебошад.

Эрод ва пешниҳодҳо. Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбат ва дастовардҳои назарраси таҳқиқот, ҳангоми шиносоӣ бо муҳтавои автореферат баъзе масъалаҳо ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо, метавонистанд боз ҳам муфассалтар мавриди баррасӣ қарор гиранд:

1. Ҳангоми таҳлили фарқияти натиҷаҳои довталабон аз рӯйи минтақаҳо ба назар гирифтани омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, шароити таълим ва таъминоти кадрӣ мувофиқи мақсад мебуд.
2. Баъзе нишондиҳандаҳои оморию психометрӣ ва натиҷаҳои муқоисавӣ метавонистанд муфассалтар шарҳ дода шаванд.

Албатта, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқот дахл доранд ва ба ҳеҷ вақҳ арзиши назариявию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, онҳо метавонанд ҳамчун замина барои идомаи таҳқиқот ва густариши самтҳои минбаъдаи омӯзиши масъала хизмат намоянд.

Хулосаи умумӣ. Дар маҷмуъ, муҳтавои автореферати диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат намуда, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда асоснок мебошанд.

Бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, сатҳи таҳияи илмии масъала, навгонии натиҷаҳои бадастомада, асоснокии хулосаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, муаллиф - Азимов Ҷамшед Аслиддинзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.4. Назария ва методикаи таълими адабиёти тоҷик мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи амалия
ва методикаи таълими
фанҳои забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Муродов Алишер Асламхонович

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел: (+992) 904 49 43 44

Имзои А. А. Муродовро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М